# ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ

***Оймаҳмадов Рустам, ходими калони илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ***

Зарбулмасал ва мақолҳо, ки шакли муъҷаз ва нуқли сухан ҳастанд, нақши муҳимме дар гуфтугӯи рӯзмарра ва зебоиофаринию зебосозии ҷумлаҳо доранд. Ҳар кадом аз ин зарбулмасалҳо баландтарин мазмунро дар кӯтоҳтарин лафз баён мекунанд, ки ин мазмуну муҳтаво бо таҷрибаи амалӣ дар тули таърих шакл гирифтааст. Яъне, бозтоби таҷриба ва шуури дастҷамъии ҳар миллату ҷомеаро аз ҳар назаре дар оинаи зарбулмасалҳои он ҷомеа ва миллат метавон дид. Дар фарҳанги гуфтории тоҷикон шоҳиди анбуҳе аз зарбулмасалҳо ҳастем, ки дар байни табақоти ҷомеаи тоҷик чи таҳсилкардаву нокарда ва чи табақоти поини ҷомеа ба шакли густурда роиҷ аст. Далели роиҷ будани ин навъи адабӣ ба шакли густурда, кӯтоҳу равон будани ин жанр ва аҳамияти мазмунии он аст, ки дар мавқеиятҳои гуногун дар баҳсҳову суҳбатҳо барои таъкиди сухан гуфта мешавад. Беҳуда нест, ки Бозор Тилавов аз зарбулмасалҳо ҳамчун; қаймоқи сухан ёд мекунад [5, с.3].

Дар пажӯҳишҳои донишмандони тоҷик ҳар куҷо, ки зарбулмасал оварда мешавад, дар канораш мақол низ зикр мегардад. Тафовути зарбулмасал ва мақол аз назари донишмандони тоҷик дар воситаҳои санъатҳои бадеӣ, сувари хаёл ба мисли истиора, киноя, тавсиф, ташбеҳ, ташхис, маҷоз ва амсоли ин аст, ки дар зарбулмасал истифода шудааст, аммо дар мақол, чунин санъатҳои бадеӣ истифода намешавад ва маъмулан ба шакли ҷумлаи сода баён мегардад [8, с.132-133].

Зарбулмасалҳои тоҷикиро метавон ба чанд бахш ва гурӯҳҳои махсус тақсимбандӣ кард. Мабнои ин дастабандӣ, шароити иқлимӣ, муҳити зиндагонии мардум, фарҳанг, одобу русум, мавзуву муҳтаво ва дағдағаҳои фикрии мардуми тоҷик дар шароитҳои гуногуни таърихӣ аст, ки боиси пайдоиши зарбулмасалҳо шудаанд.

Ҳадаф аз навиштани ин мақола баён ва баррасии ҷойгоҳ ва мавқеи зан дар зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ аст. Дар ин мақола нақши занонро, ки дар сохтори ҷомеа дар тули таърих дӯш бар дӯши мардон роҳ рафтаанду дар раванд ва сайри такомули сохтори таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ҳамеша дар канори мардон ҳузур доштаанд, мавриди арзёбӣ қарор додаем. Бахусус фарозу нишеби авомили иҷтимоӣ, сиёсӣ, тағйироти арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеа ва

таъсири он дар раванди такомулии шахсияти занон, албатта, бо баррасӣ ва таҳлили бахши кӯчаке аз як жанри адабии шифоҳӣ наметавон ҷойгоҳи занонро дар ҷомеа ба шакли ҷомеу комил ошкор кард, аммо метавон то ҳудуде нақш ва мавқеи ононро дар ҷомеа ва ҳамчунин зеҳни нохудогоҳи ҷомеаро нисбат ба ӯ шинохт.

Ковиш ва пажуҳиши ҷойгоҳи зан дар зарбулмасалҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин осор метавонад бозтоб ва инъикосдиҳандаи тарзи тафаккури ҷомеа нисбат ба симо ва ҷойгоҳи зан дар фарҳанги тоҷикӣ бошад. Ҳачунин дар ин жанр мавқеъ ва нақши онҳоро дар тули таърих аз ҷиҳати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавон дид.

Дар ин мақола аз 2 равиш барои таҳияи мавод ва баррасии он истифода кардаем. 1. Аз зарбулмасалҳои водии Ҳисори фонди Институти забон ва адбиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2. Аз китоби «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ»- и В. Асрорӣ, «Зарбулмасалҳои машҳур» ва «Суханҳои дилафрӯз»-и Бозор Тилавов.

Таваҷҷуҳ ба илми фолклор аз замони Шуравӣ дар Тоҷикистон оғоз шуд. Фолклоршиносони тоҷик аз он замон то кунун саҳми бузург ва арзандае дар рушди ин илм доштаанд. Илова бар ҷамъоварию ҳифзи ин мероси халқӣ ҳазорон китобу мақолаҳои арзишманд аз сӯйи олимони фолклоршинос бо мавзуоти гуногун ба табъ расидаанд. Рӯйи ин жанри хурди шифоҳӣ ба шакли ҳирфаӣ ва тахассусӣ Бозор Тилавов пажуҳишҳои бунёдию асосӣ анҷом додааст ва рисолаи номзадиаш бо номи «Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок» [2, с.122] ва рисолаи докториаш бо номи «Современный пословичный репертуар таджикского народа» [3, с.44] марбут ба ин жанр аст. Бозор Тилавов дар рисолаи номзадиаш ба решаёбии ин жанр, хусусиятҳои иқлимии зарбулмасалҳо ва табақабандии мавзуӣ пардохтааст ва дар рисолаи докториаш ба вариантнокии зарбулмасалҳо ва мураттаб кардани онҳо аз рӯйи илми фолклоршиносии русӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ду китоби муҳимми ӯ бо номи «Зарбулмасалҳои машҳур» [4, с.126], «Суханҳои дилафрӯз» [5, с.134], ки ҳамчун манбаъ дар ин мақола истифода шудаанд, дар илми фолклоршиносӣ, бахусус ин жанр, асари бисёр гаронбаҳо ба ҳисоб мераванд. Дар давраи истиқлоли Тоҷикистон низ аз сӯйи фолклоршиносони тоҷик китобҳову мақолоти зиёде дар мавзуи зарбулмасал таълиф шудаанд. Аз ҷумла китобҳои «Зарбулмасал ва мақолҳои ҳиндӣ-тоҷикӣ-русӣ» [7, с.107], «Гулчини зарбулмасалу

мақолҳои халқи ҷаҳон» [6, с.136], «Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик» [9, с.134] ва ғайраҳо. Дар китоби охир, ки муаллифи он Саъдӣ Қосимӣ аст, корбурди зарбулмасалҳо дар шеъри бархе шоирони тоҷик мавриди баррасию таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин баррасӣ ва таҳлили ҷойгоҳи зан дар зарбулмасалҳо ба шакли амиқу дақиқ дар пажуҳишҳои фолклоршиносони тоҷик дида намешавад, танҳо дар китоби Б. Тилавов «Суханҳои дилафрӯз», ки мавзуоти зарбулмасалу мақолҳо дар ин китоб табақабандӣ шудаанд, зарбулмасалҳои марбут ба зан дар ду ҷо таҳти унвони «Падар, модар ва фарзанд», «Зан ва ёр» зикр шудааст [5, с.64-73].

Зарбулмасалҳои водии Ҳисор, ки дар фонди Институт, тақрибан 615 зарбулмасал маҳфуз аст, тамоми мавзуоти иҷтимоию фарҳангӣ ва таҷрибаҳои фикрии мардуми ин водиро фаро гирифтаанд. Ин зарбулмасалҳо аз ҷониби фолклоршиносони тоҷик дар замонӣ шуравӣ аз солҳои 1951 милодӣ ҷамъоварӣ шудаанд ва фолклоршиносон он чиро, ки гӯяндагони онҳо гуфтаанд, ба ҳамон шакл, забту сабт кардаанд. Бинобар ин, ҳамон як зарбулмасалро дар манобеи гуногун ба шакли дигар метавон дид. Аз 615 зарбулмасал 46-тои он марбут ба зан аст, ки бо вожагоне ҳамчун зан, модар, оча, духтар, арӯс ва мавзуоти марбут ба ӯ омадааст.

«Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» - и В. Асрорӣ дорои 100 сафҳа аст. Дар 20 сафҳаи аввали он муаллиф маълумоти арзишманду муфид ровеъ ба зарбулмасалҳо овардааст. Муаллиф бо таърифе аз зарбулмасал ва аҳамияти он аз назари бархе бузургон, корбурди зарбулмасал ва решаҳову далоили пайдоиши он, ҳамчунин ба мазомину маъноҳои он пардохтааст. Мазомини зарбулмасалҳо аз назари муаллиф гуногун буда, ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, маишӣ- оилавӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ вобастагӣ доранд. Ва ҳамчунин қисми зиёде аз зарбулмасалҳо хислат ва мазмуни таълимӣ, ахлоқомӯзӣ, панду насиҳат ва киноявӣ доранд. Дар ташвиқи меҳнатдӯстӣ, илмомӯзӣ, дӯстӣ ва…зарбулмасалҳои зиёде вуҷуд доранд [1, с.3-19]. Зарбулмасалҳои овардашуда дар ин китоб ба се бахш тақсим шудаанд. 1. Зарбулмасал ва мақолҳои замони советӣ. 2. Зарбулмасал ва мақолҳои пешазреволютсионӣ. 3. Гуфтаҳои хеле машҳури классикони адабиёти тоҷик, ки ҳамчун зарбулмасалу мақол дар байни халқ паҳн шудаанд. Дар зарбулмасал ва мақолҳои замони советӣ танҳо як маврид зарбулмасал ба зан ихтисос дорад, ки мазмуни он ҳам тарғибу ташвиқ ба кор аст. «*Зан дар колхоз – қувваи бузург аст*» [1, с.34]. Дар бахши зарбулмасал ва мақолҳои пешазреволютсионӣ 65 маврид

зарбулмасал дида мешавад, ки ба мавзуи зан бахшида шуда, вижагиҳои марбут ба онро дорост. Дар бахши охири ин китоб, ки байтҳое маъруф аз бузургони классик ҳамчун зарбулмасал дар байни мардум роиҷ шудаанд, дар бораи зан ҳеч маводе дида нашуд [1, с.3-100].

Дар китоби «Суханҳои дилафрӯз» зарбулмасалҳо аз назари мавзуъ ва муҳтаво табақабандӣ шудаанд. Дар дебочаи китоб муаллиф ба аҳамияти зарбулмасал, нақши он дар пурқувват кардани калом, урфу одат, донишу ҷаҳонбинӣ, ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ, мазмуну муҳтаво ва вижагии онҳо аз назари ҷуғрофиёӣ, иқлимӣ ба нукоти муҳимме ишора кардааст. Сипас зарбулмасалҳоро таҳти унвонҳои «моияи ҳаёти инсон», «хислатҳои неки инсонӣ», «хислатҳои бади инсонӣ», «панди ҳаёт», «танқиди ақидаҳои динӣ ва руҳониён», «гуногун», ки зери ҳар кадом аз унвонҳо зершохаҳои он низ аз назари мавзуву муҳтаво оварда шудаанд, табақабандӣ намудааст. Дар охири китоб низ ду сухан ба ҷойи охирсухан зикр шудааст.

Дар ин китоб 56 зарбулмасал оид ба мавзуи зан, модар, оча, кампир, амма ва вижагиҳои марбут ба он дида мешавад [5, с.3-134].

Дар китоби «Зарбулмасалҳои машҳур»-и Бозор Тилавов, дар бораи зарбулмасал андешаҳои илмӣ ва арзандае омадааст, ки дар 8 қисмат оварда шудаанд. Зарбулмасалҳо дар ин китоб тибқи илми фолклоршиносии замони шуравӣ оварда шудаанд, ки 39-тои он марбут ба зан аст [4].

Теъдоди умумии зарбулмасалҳои ба мавзуи зан бахшидашуда дар манбаъҳои зикргардида ба 206 адад мерасад. Бо таваҷҷуҳ ба муштарак ва чандвариантӣ будани бархе аз ин зарбулмасалҳо дар манбаъҳои зикршуда танҳо 146 зарбулмасал ба мавзуи зан марбут аст. Дар ин зарбулмасалҳо вожагони зан, модар (оча), духтар, хоҳар, амма, хола, кампир (пиразан), бева (бешавҳар), арӯс, келин, кайвона мақоми хосса доранд. Ва тақрибан дар 80 дарсади ин зарбулмасалҳо чунин номҳо дида мешавад. Дар бақияи зарбулмасалҳо ҳарчанд ном ва исме аз ҷинсияти зан дида намешавад, аммо аз назари муҳтавову мавзуъ ва вижагӣ марбут ба зан аст.

Бо таваҷҷуҳ ба асомӣ ва мавзуоти ба коррафта дар зарбулмасалҳои истифодашуда дар ин манбаъҳо симо ва ҷойгоҳи занро ба гунаҳои зер метавон табақабандӣ кард:

•*Зан аз назари зан будан.*

•*Зан аз назари модар будан.*

•*Зан аз назари арӯс - келин будан.*

•*Зан аз назари хешу таборӣ (Хола ва амма будан).*

•*Зан аз назари куҳансолӣ (Пирзанӣ- кампир).*

•*Зан аз назари гӯяндаи зарбулмасалҳо.*

**Зан аз назари зан будан**

Дар ин осор 46 зарбулмасалу мақол бо вожаи зан омадааст, ки бар асоси муҳтаво ва мазмун дар онҳо нигоҳу тафаккури ҷомеа ва мардро нисбат ба зан аз манзар ва буъдҳои гуногун метавон дид. Занон дар ин зарбулмасалҳо нақшҳои гуногунро бар уҳда доранд, гоҳе тавсиф мешаванд ва гоҳе нисбат ба мард санҷида мешаванд, гоҳе низ дар хонавода ба хотири умури оилавӣ мавриди меҳр ё ғазаби мардон қарор мегиранд. Дар кулл ду нигоҳ - мусбату манфӣ нисбат ба зан дар ин зарбулмасалҳо дида мешавад, ки нигоҳи мусбат бештар аз манфӣ аст.

Дар санҷиши зан нисбат ба мард гоҳе мартабаи зан болотар аз мард асту гоҳе низ поинтар.

*Аз сад марди лофзан,*

*Беҳ як кори зан [1, с.34].*

*Мард бошӣ, майдон баро,*

*Зан бошӣ, каҳдон даро [4, с.43].*

Гоҳе низ зан дар ин осор ҳамчун “вазир” мушовири мард аст, ки дар умури зиндагӣ ёвари ӯст.

*Зан - вазири мард [4, с.28].*

Чунин мақом додан ба зан реша дар фарҳанги мардуми тоҷик дорад, ки аз даврони бостон зан дар арсаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар канори мард буда ва ҳамчун як шахсияти мусбату муҳим ва фарҳехта дар тули таърих ёвару мададгори мард будааст.

Гоҳе низ аз вай ҳамчун “зар”, “чароғи хона” ёд мешавад, ки чунин тавсифот аз зан дар ин зарбулмасалҳо нишондиҳандаи назари нек нисбат ба ӯст.

*Зан - чароғи хона [4, с.38].*

*Зан пинҳон, Зар пинҳон [4, с.47].*

Ҳамчунин нигоҳи манфӣ низ нисбат ба зан дида мешавад, ки теъдоди чунин зарбулмасалҳо андак аст. Чунин зарбулмасалҳо маъмулан марбут ба таҷрибаҳои отифию ошиқонаанд.

*Саг вафо зан ҷафо [13].*

Бо ин вуҷуд зан дар ин зарбулмасалҳо вақте ба камол мерасад, ки дар масоил ва умури хонадорӣ низ қобил бошад. Фарзанддорӣ ва аҳамият ба фарзанд, ки дар фарҳанги тоҷикӣ яке аз орзую омоли асосии ҳар оила аст, барои мардон муҳим буда ва интизории аввалиндараҷаи мардҳо аз зан тавлиди насл, яъне фарзандорист.

*Зани бебача –бурёи сари кӯча [1, с.54].*

*Аз яг зани бесамар яг бед хубай [11].*

Нақши дигаре, ки занҳо дар ин зарбулмасалҳо доранд, нақши таъсиргузору муассир бар шахсияти мард аст. Зан ҳамчун мавҷуди латифу зариф, аммо тавонову қудратманд, ки хушбахтию бузургии мард ба ӯ вобастааст ва мард маъмулан таҳти таъсири андешаву рафтори ӯст.

*Марда мард мекардагӣям зан, номард мекардагӣ ям зан [4, с.28].*

*Зани қобил марди ноқобила одам кард [14].*

Чунин тарзи шинохт нисбат ба занон таҷрибаи зиндагии муштарак байни зану мард аст, ки дар тули таърих шакл гирифтааст. Мардон хушбахтию комёбиҳои худро дар сояи занони нек мебинанд.

*Зане нек, Мардро тоҷбасар кунад [5, с.73].*

Бархе аз зарбулмасалҳо ба тавсифи отифӣ ва ошиқонаи занон марбут мешаванд, ки дар ҳавзаи ошиқона қарор доранд.

*Зани бе ноз - Оши бепиёз [5, с.73].*

*Бе ишқ зан нест, Бе модар ҳаёт нест [13].*

Масоли марбут ба мавзуи ишқ дар зарбулмасалҳо хеле кам аст. Далели кам будани чунин мавзуъ ба хусусиёти ин жанр, ки бештар ба панду андарзу ибрат ва таҷрибаи ҳаёт ихтисос дорад, вобаста аст. Ҳамон гуна,

ки зан дар меҳвари конуни хонавода нақши муҳимме бозӣ мекунад дар умур ва корҳои дастҷамъона ва иҷтимоӣ низ нақши муҳимме дорад.

*Зан дар колхоз қувваи бузург аст [1, с.24].*

Ин мақол дар замони шуравӣ ба вуҷуд омадааст. Дар замони шуравӣ кор ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ яке аз барномаҳои аслӣ ва муҳим ба шумор мерафт. Зарбулмасалҳои зиёде низ бо вожаи зан марбут ба издивоҷ вомехӯранд, ки дар бахши зан ба унвони арӯс таҳлил шудаанд.

**Зан аз назари модар будан**

Бо итминон метавон гуфт, ки бахши аъзаме аз ин зарбулмасалҳо ба модар ихтисос дорад. Вожаи модар- оча ба монанди вожаи зан басомоди зиёде дорад ва ҳудуди 40 зарбулмасал бо ин мавзуъ ва муҳтаво вуҷуд дорад. Модар дар ин зарбулмасалҳо ба шаклҳои гуногун ва дар нақшҳои мухталиф зуҳур мекунад. Дар бештари маворид дар ин осор модар дар канори фарзанд қарор дорад ва ҳар куҷо, ки модар дида мешавад фарзанди ӯ низ дар канораш аст.

*Дили модар ба фарзанд, Дили фарзанд ба фарсанг [1, с.24; 5, с.64].*

*Модара дил месӯзад, дояра доман [12].*

Дар зарбулмасалҳое, ки модару фарзанд дар канори ҳам қарор доранд, мавзуъ ва паёми бештари онҳо “меҳри модарӣ”, “фироқ”, “исор”, “панду тарбият” аст.

Гоҳе модар дар ин зарбулмасал бо падар муқоиса мешавад. Дар ағлаби чунин зарбулмасалҳо мақоми модар аз падар болотар аст. Далели чунин мақоми болои модар нисбат ба падар утуфат, меҳри модарӣ, масъулиятпазирии бештари модар нисбат ба падар аст.

*Дар ҳамёни зари падар мондана,*

*Ба нӯги сӯзани модар мон [5, с.67].*

Дар зарбулмасалҳое, ки дар онҳо тавсиф, вежагӣ, симои модар дида мешавад, ин ҳама нигоҳи мусбат ба модар аст. Чунин андеша ва тафаккури ҷамъиятӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон нисбат ба модар нишондиҳандаи манзалат ва арзиши модар аст, ки дар ҳар хонаводаи тоҷик модар аз ҷойгоҳ ва мақоми болое бархӯрдор аст.

*Модар ризо – Ҳама ризо [5, с.64].*

*Бе ишқ зан нест, Бе модар ҳаёт нест [13].*

Дар баъзе зарбулмасалҳои дигар низ модар бо мавзуоти гуногун, ки гӯшае аз таҷрибиёти ҷомеа, хонавода, робитаи хешовандӣ, умури зиндагӣ, урфу одат ва... зуҳур дорад.

*Очара бин духтара гир [4, с.29].*

*Гунҷишкбача ба очаш ҷик-ҷик нишон медиҳад [10].*

Яке аз далоили пурмуҳтаво будани мавзуи модар, ки дар меҳвари аслии ин зарбулмасалҳо қарор дорад, нақши аввалиндараҷаи ӯ дар хонавода аст.

**Зан аз назари арӯс - келин будан**

Зан ҳамчун арӯс ё келини хона, дар ин зарбулмасалҳо зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин зарбулмасалҳо робитаи арӯс бо хонаводаи домод, рафтору кирдори арӯс, вазоифи рӯзмарра, пухту паз, дӯзандагӣ, масоили иҷтимоӣ, урфу одат, андешаву нигоҳи ҷомеа нисбат ба зан ва умури издивоҷ матраҳ мешавад. Дар бархе аз зарбулмасалҳо тафаккури суннатӣ ҳоким аст, монанди зарбулмасали зер:

*Домод вакили харҷ, арӯс бонуи хона [1, с.52].*

Хонашинии арӯс ва уҳдадории умури хона дар фарҳанги суннатӣ як амри табиӣ барои занон будааст. Эҳтимол дорад, роиҷ будани иборати “арӯси хона ё келини хона” дар миёни мардум реша дар ҳамин фарҳанг дошта бошад. Аммо имрӯз бо тағйироти тафаккури иҷтимоӣ занон дар баробари мардон ба кору фаъолияти берун аз хона низ машғул ҳастанд.

Бархе аз зарбулмасалҳо низ вежагӣ ва хусусиёти арӯсро тавсиф мекунад.

*Гапа аз келини таги тору Аз чӯпони сари кӯҳ шунав [5, с.111].*

*Арӯс чи гуна?- Додарарӯс намуна [5, с.74].*

Бештари зарбулмасалҳо марбут ба мавзуи хонадорӣ ва робитаи байни зану шӯй аст. Мавзуӣ издивоҷ ва мисдоқҳои марбут ба он дар 39 маврид дида шуд. Далели зиёд будани теъдоди зарбулмасалҳо дар ин бахш вобаста ба аҳамияти ин мавзуъ аст. Зарбулмасалҳои марбут ба издивоҷ натиҷаи таҷрибаҳои дуру дарози мардуми тоҷик аз зиндагӣ ва ҳаёт аст.

Паёми ин зарбулмасалҳоро метавон ба мусбату манфӣ, панду андарз, ибрату тарбият ва... тақсимбандӣ кард. Масалан зарбулмасали “Хеши зан – қайла зан, хеши шӯ – дега шӯ” [4, с.25; 5, с.73] ҷойгоҳи болои занро нисбат ба шавҳар нишон медиҳад, ҳарчанд зарбулмасал ба шакли танзу шӯхӣ баён шудааст. Ё “Шӯи ҷавону зани пир – Тобут мону мурда гир [5, с.73]”, ки дар ҷомеа аз назари фарҳангӣ чунин амал, яъни издивоҷи марди ҷавон бо зани пир нописанд аст, паёми манфӣ дорад. Бештарини мавзуоте, ки дар ин ҳавза ворид мешаванд, иборатанд аз:

**Дахолат байни зану шӯ:**

*Вай мешавад зану шӯ, ман мешавам кали мурдашӯ [5, с.111].*

**Бахти духтар:**

*Бахти духтар – санги фалагмон [5, с.109].*

**Тарбияти арӯс:**

*Кӯдакро дар кӯдакияш, арӯсро дар арӯсияш [11].*

**Қадами наварӯс:**

*Келинди аёгӣ, чӯпондӣ таёгӣ/ пойи қадами ҳар кас дигар [12].*

**Қиёси арӯс:**

*Очара бин, духтара гир [4, с.29].*

**Аҳамияти шавҳардорӣ (бева - бешавҳар):**

*Бевая остинеш дар зар шаваду Ду чашми вай дар дар [5, с.74].*

**Робитаи арӯс бо хонавода:**

*Духтарам, ба ту мегӯям, келинам ту шунав [1, с.53].*

**Масоили дузанагӣ:**

*Якзаная яг рӯш сиё, Дузаная ду рӯш сиё [4, с.40].*

Далели зиёд роиҷ будани зарбулмасалҳои марбут ба ин бахш вобаста ба аҳамияти ин мавзуъ дар байни ҷомеа ва мардум аст.

**Зан аз назари хешу таборӣ - хола ва амма будан**

Аз 146 зарбулмасал танҳо дар 5 маврид аз амма ва хола истифода шудааст. Бо ин ки нақши хола ва амма дар зиндагии рӯзмарра ва

рафтуомаду боздиди онҳо байни хешу таборон хеле зиёд аст, аммо ҷолиб аст, ки дар ин зарбулмасалҳо нақши камрангӣ доранд. Дар ин 5 зарбулмасал хола гоҳе аз назари арзиш ба ҷойгоҳи модар баробар мешавад ва гоҳе низ ба танз аз нақши вай дар ҳама кор ва фузулиаш ёд мешавад.

*Таго ба ҷои падар, Хола ба ҷои модар [4, с.27].*

*Холаи ҳамакора, Ҳама кораш – нимакора [4, с.37].*

Гоҳе низ хола дар баробари амма қарор мегирад ва бо амма қиёс мешавад. Дар ин санҷиш маъмулан хола чеҳраи мусбат дорад ва амма манфӣ.

*Амма – дар ба тамма, Хола гули лола [4, с.46].*

*Амма гоҳе меҳмони нохонда аст.*

*Ҳамаро мону аммаро меҳмон [1, с.84].*

Гоҳе низ вежагӣ ва хусусиёти бародарзодаву хоҳарзода бо аммаву хола ё таго монанд мешавад, ки чунин боварҳо реша дар суннат ва фарҳанги мардумӣ дорад.

*Духтар ба аммеш меравад, Писар ба тагош [1, с.110].*

**Зан аз назари куҳансолӣ – пиразан, кампир**

Зан ба унвони шахси солхӯрда, ки дар забони омиёна аз он ҳамчун кампир ёд мешавад, дар ин зарбулмасалҳо хеле кам аст ва танҳо дар 6 маврид дида мешавад. Маъмулан, тачрибаи шиддати сардӣ ва сахтии охири моҳи зимистон, боиси ба вуҷуд омадани ин зарбулмасал шудааст:

*Ҳут агар ҳутӣ кунад-кампира дар қуттӣ кунад [15].*

Моҳи Ҳут моҳи сардию сахтию машаққат барои касонест, ки дар кӯҳистон ва рустоҳо зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, моҳи Ҳут нақши манфӣ дорад ва агар ҳут ҳутӣ кунад ва чеҳраи бад ва сардии худро нишон бидиҳад, ҳатто ба пиразани нотавон ҳам раҳм нахоҳад кард ва ӯро аз сардиву хунукӣ дар қуттӣ- хонанишин хоҳад кард.

Гоҳе низ нозуктабиатии пиразанҳо тавсиф мешавад ва аз ин ки зан пир шуд, нозаш зиёд мешавад.

*Нозу нузи бибӣ, Сад тангаю як мирӣ [5, с.108].*

Эътибор додан ба чизҳои ночиз дар замони пирӣ як амри табиӣ аст. Зарбулмасали зер замоне истифода мешавад, ки кампир аз ҳама чиз норозӣ аст ва ба чизҳои беарзишу ночиз аҳамият медиҳад.

*Дарди кампир - гуза [1, с.48; 4, с.27].*

Дангона дар зарбулмасали зер шахсест, ки корро хуб анҷом дода наметавонад, ва сифати манфӣ барои касонест, ки танбал ҳастанд. Чунин зарбулмасал дар мавриди танбалӣ ба кор меравад.

*Баҳона набуду баҳона шуд, Кампир мурду дангона шуд [5, с.112].*

**Зан аз назари гӯяндаи зарбулмасалҳо**

Аз назари мавзуъ ва корбурди аносир дар бахше аз зарбулмасалҳо метавон ҳадс зад, ки гӯяндаашон занон ҳастанд. Он чи ба ин зарбулмасалҳо ташаххус ва вежагии занонагӣ мебахшад, аносири истифодашуда аз умур ва корҳоест, ки марбут ба ҷинсияти зан аст. Мисли “ҷома шустан”, “хамир кардан”, “элак кардан”, “дӯзандагӣ”, “гӯшвора”, “хишова кардан”, “ҳимоят аз ҷинси зан” ва ғайра. Паём ва мавзуи онҳо низ гӯшае аз зиндагии рӯзмарра ва таҷрибаи занон аз ҳаёту рӯзгор мебошад. Бахши зиёде аз зарбулмасалҳо бо ин вижагӣ дар ин осор дида мешавад.

*Сӯзан барои ҳама медӯзаду худ урён [1, с.73].*

*Ба собуни ман ҷома нашуштӣ [4, с.36].*

*Элак баҳона, дидор ганимат [1, с.81].*

*Хамира мушт, аврата пушт [4, с.38].*

*На гӯшвори зарин даркор, на дарди гӯш [1, с.63].*

Зарбулмасалу мақолҳо илова бар кумак кардан дар рушди сохтори забон, саршор аз мавзуоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таҷрибаҳои гузаштагон дар масоили ҳаёт ҳастанд, ки метавонанд роҳнамои хуб барои мо бошанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикии марбут ба зан дар манбаъҳои истифодашуда ҳудуди 206 адад аст, ки бо таваҷҷуҳ ба такрор ва шаклҳои мутафовит аз як зарбулмасал – чандвариантӣ – дар ин манбаъҳо танҳо 146 зарбулмасал бо мавзуи мустақили марбут ба зан ба даст омад. Бо таваҷҷуҳ ба баррасию таҳлили симои зан дар ин манбаъҳо метавон нақши мутааддид ва гуногуни зани тоҷикро дар тули таърих дид. Аз назари мазмуну мавзуъ зарбулмасалҳое

марбут ба занро метавонем чунин дастабандию гурӯҳбандӣ намоем: мавзуи издивоҷ ва масодиқи он, мавзуи модар ва нақши он дар хонавода, фарзанддорӣ, тавсифи зан, модар, духтар, ки аз мазмунҳои барҷаставу муҳим дар ин зарбулмасалҳост. Мавзуоти ошиқона дар ин осор камтар аст.

Зан ба унвони зан будан дар бештари зарбулмасалҳо бо ҷинсияти мард санҷида мешавад ва гоҳе таҳсину тақдир мешавад ва гоҳе мададгору мушовири мард аст. Нигоҳи мард нисбат ба зан асосан нигоҳи мусбат аст, ҳарчанд дар бархе аз маворид ба шакли манфӣ низ дида мешавад, аммо чунин маворид андак аст ё марбут ба мавзуоти шахсию отифӣ аст.

Зарбулмасал ва мақол бо мавзуи модар аз басомади болое бархӯрдор аст. Модар дар ин осор дар нақшҳои гуногун зуҳур меёбад ва дар конуни таваҷҷуҳи хонавода ва оила қарор дорад. Зан ба унвони арӯс ва келин низ бозтоби зиндагии рӯзмарра ва робитаи ӯ бо хонаводаи шавҳараш аст. Зан ба унвони куҳансол ё нисбати хешовандӣ, мисли хола ва амма, нақши камрангӣ доранд ва дар ин зарбулмасалҳо низ хеле кам истифода шудаанд. Зан низ ба унвони гӯяндаи зарбулмасалу мақолҳо, ки вижагиҳо ва аносири занонагӣ дар онҳо дида мешавад, барҷаставу зиёд аст ва ағлаб бо мавзуоти гуногуни зиндагӣ зикр шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ, В. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ / В. Асрорӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 100 с.

2. Б. Тилавов. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок (Монография) / Б.Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 122 с.

3. Б. Тилавов. Современный пословичный репертуар таджикского народа: афтореферат диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук / Б.Тилавов. – Душанбе: ТГУ им. В.И. Ленина, 1975. – 44 с.

4. Б. Тилавов. Зарбулмасалҳои машҳур / Б.Тилавов. – Душанбе: Дониш 1983. – 126 сафҳа ба хатти сирилик, 91 сафҳа ба хатти форсӣ.

5. Б.Тилавов. Суханҳои дилафрӯз. Зарбулмасал ва мақолҳо / Б.Тилавов. – Душанбе: Нашриёти Душанбе, 1973. – 134 с.

6. Д.Раҳимов. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқи ҷаҳон / Д.Раҳимов. – Душанбе: Нашри Истеъдод, 2012. – 136 с.

7. Нурова М.А. Зарбулмасал ва мақолҳои ҳиндӣ-тоҷикӣ-русӣ / М.А. Нурова, А.Д. Латифов. – Душанбе: Чопхонаи дониш, 2016. – 107с.

8. Раҳмонӣ, Равшан.. Адабиёти гуфтории тоҷикон / Равшан Раҳмонӣ, Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир. -Душанбе: Матбаи ДДОТ, 2020. – 352 с.

9. Қосими Саъдӣ Абдулқодир. Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик / Абдулқодир, Қосимӣ Саъдӣ. -Душанбе: Матбаъи ДДОТ, 2201. – 134 с.

10.ФДФТҲ. К-59. Ҷ.1 соли 1941. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1941). 11.ФДФТҲ. Х.59. Ҷ.2 соли 1941. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1941). 12.ФД-ФҲ. К.35. Ҷ.1. Н.2. Фолклори Ҳисор. (Материалҳои экспедитсияи соли 1951). 13.Фолклори Сурхондарё. Нусхаи 2. Соли 1958. Ҷамъкунанда: Қосимова И.

14.ФДФТҲ. К.61. Ҷ.5 с. 1959. Фолклори Ҳисор. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1959). – Т.: 4218, 1-9 Тт4қ74 Такоб 1959 Исроилова Т. (ҷамъоваранда), Шарифова Бибигул (гӯянда), 29 сола маълумоти синфи 6 дорад.

15.Фолклории Сурхондарё. Материалҳои экспедитсияи соли 1963. Ҷамъкунанда ва ба тартиб дароранда: Раҳматова Гулсун. Гӯянда: Негматова Норбегим.

## ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола ҷойгоҳи зани тоҷикро дар зарбулмасалу мақолҳо, ки аз фонди Институт ва манбаъҳои мактуб ҷамъоварӣ шудаанд, мавриди баррасию таҳлил қарор додаем. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикии марбут ба зан дар манбаъҳои истифодашуда ҳудуди 206 зарбулмасал аст, ки бо таваҷҷуҳ ба такрор ва шаклҳои мутафовит аз як зарбулмасал – чандвариантӣ – дар ин манбаъҳо танҳо 146 зарбулмасал бо мавзуи мустақили марбут ба зан вуҷуд дорад. Бо таваҷҷуҳ ба баррасию таҳлили симои зан дар ин манбаъҳо метавон нақши мутааддид ва гуногуни зани тоҷикро дар тули таърих дид. Мавзуи издивоҷ ва масодиқи он, мавзуи модар ва нақши он дар хонавода, фарзанддорӣ, тавсифи зан, модар, духтар аз мазмунҳои барҷаставу муҳим дар ин зарбулмасалҳост. Мавзуоти ошиқона дар ин осор камтар аст. Зан ба унвони зан будан дар бештари зарбулмасалҳо бо ҷинсияти мард санҷида мешавад ва гоҳе

таҳсину тақдир мешавад ва гоҳе мададгору мушовири мард аст. Нигоҳи мард нисбат ба зан нигоҳи мусбат аст, ҳарчанд дар бархе аз маворид ба шакли манфӣ низ дида мешавад, аммо чунин маворид андак аст ё марбут ба мавзуоти шахсию отифӣ аст. Зарбулмасалу мақол бо мавзуи модар аз басомади зиёде бархӯрдор аст. Модар дар ин осор дар нақшҳои мутааддид зуҳур меёбад ва дар конуни таваҷҷуҳи хонавода ва оила қарор дорад. Зан ба унвони арӯс ва келин низ бозтоби зиндагии рӯзмарра ва робитаи ӯ бо хонаводаи шавҳараш аст. Зан ба унвони куҳансол ё нисбати хешовандӣ, мисли хола ва амма будан нақши камрангӣ доранд ва дар ин зарбулмасалҳо низ хеле кам истифода шудаанд. Зан низ ба унвони гӯяндаи зарбулмасалу мақолҳо, ки вижагиҳо ва аносири занонагӣ дар онҳо дида мешавад барҷаставу зиёд аст ва ағлаб бо мавзуоти гуногуни зиндагӣ зикр шудаанд. **Калидвожаҳо:** зан, модар, зарбулмасалҳои шифоҳӣ, мавзуъ, фонди институт, фолклор.

## МЕСТО ЖЕНЩИНЫ В ТАДЖИКСКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

В данной статье обсуждается и анализируется роль таджикских женщин в пословицах и статьях, собранных из сборников Института письменного наследия. В использованных источниках содержится около 206 таджикских пословиц и статей, касающихся женщин, с акцентом на повторение и различные формы, а также одна и той же пословица может иметь несколько вариантов - в этих источниках всего 146 пословиц с отдельной темой, касающейся женщин. Рассматривая и анализируя образ женщин в этих источниках, можно увидеть различную и разнообразную роль таджикских женщин на протяжении всей истории.Тема брака и его подразделов, тема матери и ее роли в семье, воспитании детей, описание женщины. Мать и дочь - одна из самых важных тем в этих пословицах. Романтические темы в этом произведении редки. Быть женщиной к названию «Женщина», в большинстве пословиц это проверяется характером/полом мужчины, и иногда она является помощником и советником мужчины. Отношение мужчины к женщине положительное, хотя в некоторых случаях оно также рассматривается в отрицательном свете, но такие случаи очень редкие или они связаны с личными и эмоциональными проблемами. Пословицы и поговорки на тему материнства встречаются очень часто. Роль женщины как матери очевидна в этой работе и закреплена в законе о семье. Роль Женщины как невесты и невестки также является отражением её повседневной

жизни в семье своего мужа. Женщина в образе пожилого человека или по отношению к родственникам в качестве тети встречается очень редко и также редко используется в пословицах. Женщина выделяется как рассказчик пословиц и поговорок, имеющих женский характер. Она известна своими женственными и часто необычными высказываниями. Пословицы с женским характером очень популярны и в них часто затрагиваются различные темы, которые связаны с разными жизненными ситуациями. **Ключевые слова:** женщина, мать, словесные пословицы, тема, институт фольклора, фольклор.

## THE ROLE OF THE WOMAN IN TAJIK PROVERBS AND SAYINGS

In this article, we review and analyze the role of the Tajik woman in proverbs and sayings collected from the Institute's archival and handwritten sources. Of the approximately 206 proverbs and sayings used in the study, 146 of them deal with the figure of a woman. In our study, we selected our sample size of 206 proverbs and sayings by focusing on those which repeated and sometimes built variations on one proverb, the chayvayrianti. With attention to the consideration and analysis of the image of a woman on these sources, one can see the most responsible and diverse role of the Tajik woman throughout history. The theme of marriage and its official sanction, the theme of the mother and her role in the family, child rearing and the depiction of description of women, mothers, and daughters are significant in this form of proverb. At the same time, this study deals less with the theme of love. In most of these proverbs, women and their femininity are judged primarily in relation to men. Sometimes they are praised and sometimes they are portrayed as the assistant and even adviser to men. In many cases, the man’s attitude toward the woman is positive, although some exceptions exist. Occasionally, the man’s attitude towards one is a negative one, but such cases are rare or related to personal or emotional issues. Proverbs dealing with the subject of the motherhood are very common. The figure of the mother serves in a number of important roles and is in the center of attention of the family. Bearing the title of bride (aru’s) and daughter in law (kelin), the woman also reflects her routine of daily life and her relationship with her husband’s family. Women who are older or carry the title of other familial relations, such as aunt (khola or amma) play a less prominent role. When they do appear, they are not particularly insightful. There are also many examples where the woman serves as the narrator of the proverbs and sayings. These showcase many features and elements of femininity and deal with many major themes of life.

**Key words:** Woman, mother, spoken proverbs, subject, Institute Archives, folklore.